**ЗАБОНИ ТОЧИКИ СИНФИ-6 Вариант С**

**Ному насаби хонанда ______________________________синфхо_____**

## Кисми 1.

**№1**. Илми фонетика (савтиёт) чиро меомӯзад?
А) овозҳои нутқро Б) ҳиҷоро
В) талаффузи калимаҳоро Г) ҳамсадоҳои ҳалқиро

**№2**. Овозҳои нутқ аз чӣ пайдо мешавад?
А) аз овозҳои садонок Б) аз овозҳои ҳамсадо
В) аз ҷумлаҳо Г) ба воситаи ҳавои аз шушбароянда

**№3**. Кадом ҳарф ду овозро ифода мекунад?
А) ҳамсадоҳо Б) ҳарфҳои ётбарсар
В) садонокҳо Г) ҳамсадоҳои беҷаранг

**№4.** Як ҳарф ҳамчун ҳиҷо аз як сатр ба сатри дигар кӯчонда мешавад?
А) не Б) ҳа В) гоҳо мешавад Г) гоҳо не

**№5**. Аз мисолҳои зерин калимаҳои мустақилмаъноро ёбед?
А) китоб, одам, Ватан Б) то, бо В) ки, ва Г) ро, гар

**№6**. Ҳиссаҳои нутқро дар кадом қисми илми забоншиносӣ меомӯзем?
А) Фонетика Б) Морфология В) Имло Г) Фразеология

**№7**. Калимаҳое, ки бо ёрии пешванду пайвандакҳо сохта мешаванд, чӣ ном доранд ?
А) содда Б) ҳамреша В) ҳиҷо Г) сохта

**№8.** Аз гурӯҳи зерин калимаҳои мураккабро нишон диҳед?
А) Кито Б) Гулзор В) Дорухона Г) Кор

**№9**. Калимаи мураккаб чист?
А) Калимае, ки аз як реша иборатаст
Б) Калимае, ки аз реша ва пасванд иборатаст
В) Калимае , ки аз ду ва зиёда реша иборат аст
Г) Нидо

**№10**. Дар забони тоҷикӣ чанд ҳиссаи нутқ аст?
А) 8 Б) 6 В) 9 Г) 10

**№11**. Аломати ашёро кадом ҳиссаи нутқ ифода мекунад?
А) ис Б) сифат В) феъл Г) зарф

**№12.** Аз гуруҳҳои зерин исмро нишон диҳед?
А) сафед Б) ногоҳ В) ночор Г) гувоҳ

**№13.** Феъл чанд замон дорад?
А) 1 Б) 2 В) 3 Г) 5

**№14.** Дараҷаи оддӣ ва қиёсӣ ба кадом ҳиссаи нутқ хос аст?
А) сифат Б) исм В) ҷонишин Г) шумора

**№15**. Ифодаи камию хурдӣ дар сифат ба кадом пасванҳо сохта мешавад?
А) – ак (-як) ,-акак ( - якак ), - тоб , - ина Б) -ро, -гоҳ
В) - зор, - бон Г) – анда, - янда

**№16.** Сифат чанд дараҷа дорад?

А) 1 Б) 2 В) 5 Г)3

# Қисми 2. Хониш ва фаҳмиш

## Матн 1.

## Матнро хонед ва супоришро иҷро намоед.





### Фароштурук

Офтоби пагоҳӣ ба сари сафедорҳои сарбаланд шилшилаҳои заррин овехт. Нурҳои офтоб ба гирду атроф барқвор паҳн мешуданд ва ҳамаро ҷоннок ва серҳаракат мекарданд.

Нокҳои қоматболои сархам гӯё аз чизе шарм дошта бошанд, сурх шуданд. Тумани ширтоби тунук ба анҷом ёфтани умри кӯтоҳи худ боварӣ ҳосил карда, домони худро аз канор ба миёнҷои дарё кашид, вале нурҳои шамшервор тези офтоб зуд ба сари ӯ рафта расиданд ва пас аз лаҳзае аз туман осоре ҳам боқӣ намонд.

Насими тоза бархост ва буттаву дарахтон аз кокулҳои худ марворидҳои шаффофи шабнамиро афшонда - афшонда ба ҳамдигар пичирросзанон сӯҳбат сар карданд, гӯё хобҳои имшабаашонро ба якдигар ҳикоя мекарданд.

Аз ким-куҷо фароштуруке пайдо шуд. Вай дар болои ин дарё ин тараф-он тараф парвоз кардан гирифт. Фароштурук тирвор поён мефуромад ва болҳои худро аз об тар карда, боз боло мерафт. Парранда пас аз каме бозӣ ба канор, ба рӯи санги суфта, ки сари худро аз об бароварда меистод, фуруд омад ва болҳояшро нӯл зада, онҳоро ба тартиб даровардан гирифт.

Аммо ба фароштурук муяссар нашуд, ки ин кори муҳими худро то охир давом диҳад. Вай ногоҳ аз ҳаракат бозистода, пойчаи нозукашро ба синааш пахш намуд ва сари худро ба канор гардонда, чашмони сиёҳи дурахшонашро ба пайраҳаи борики печон дӯхт. Вай каме гӯш карда истод. Пас, ба наздик шудани хатаре боварӣ пайдо карда, ба ҳаво парвоз намуд ва зуд аз назар нопадид шуд.

**№17. Мақсади асосии матн дар чист? Ҷавобашро нависед.**

**№18. Фароштурук дар лаби дарё чӣ кор мекард?**

**№19. Фароштурук дар вақти хатарро фаҳмидан ба чӣ хел ҳолат омад?**

А) Пойҳои нозукашро ба синааш пахш карда бо диққат атрофро санҷид.

Б) Парвоз кард .

В) Ба даруни об даромад .

Г) Бепарво нишаст.

**№20. Дар матин кадом манзараи табиат тасвир шудааст?**
А) Манзараи табиати баҳор . Б) Манзараи табиати хазонрезӣ.
В) Манзараи табиати кӯҳистон. Г) Манзараи табиати тобистон .

## Матн 2.
## Матнро хонед ва супоришро иҷро намоед.



### Ватан - Модар

Ватан ҳам монанди модар аз фарзанди худ дар муқобили он тарбияҳое, ки ӯро кардааст ва муносиби он ёриҳое, ки ба ӯ расонидааст, дар ҳаққи худ ҳимоят талаб мекунад. Ба ин сабаб ҳар фарзанди одам, ки сифати инсонии худро барҳам надодааст, Ватани худро монанди модари худ, ҳатто аз вай зиёдтар дӯст медорад. Чунки ӯ ҳамаи чиз, ҳатто ҳастии худро аз Ватани худ ёфтааст ва худро дар вай подшоҳ гуфта ҳис кардааст. Агар Ватан аз даст равад, ӯ дар он ҷо шаҳрванди оддӣ ҳам шуда намемонад, балки дар дасти ғосибони истилогар ғулом ва асир шуда мемонад.

Ӯ дар зери пои бегонагони бадкирдор поймол шудан ва таҳқир ёфтани ёдгориҳои бобою аҷдоди худро дида, азоб мекашад, ӯ дар дасти истилогарони бераҳм кушта шудан, ё ин ки ғулом, канизак гардидан ва таҳқир дидани фарзандони худ, падар ва модар, хоҳарони худро ба чашми худ дида, рӯзе ҳазор бор ба худ марг талаб мекунад , лекин мурда наметавонад ,чунки душман барои ғуломвор кор фармудан ба мурдани ӯ роҳ намедиҳад ва ҳамаи асбоби худкуширо аз дасти ӯ меситонад.

Ба ин сабаб, ҳар як одаме, ки дуруст фикр мекунад, медонад, ки Ватан модари ӯст, Ватан хеш ва табори ӯст. Ватан, зан, фарзанд ва хоҳари ӯст, Ватан ҳама чизи ӯст, Ватан номус ва шарафи ӯ ва ҳаёти ӯст! ( 207 калима)

**№21**. Дар зери калимаи Ватан чиро мефаҳмед? Ҷавобашро нависед .

______________________________________________________________________

**№22** . Ватанро кӣ ҳимоя мекунад ? Ҷавобашро нависед.

______________________________________________________________________

**№23**. Дар куҷо мо худро ҳамчун подшоҳ ҳис мекунем?
А) Дар мусофират. Б) Дар Ватани худ .
В) Дар ҳеҷ куҷо . Г) Дар табиати зебо.

**№24**. Кадоме аз ин зарбӯлмасалҳо ба мавзӯъ мувофиқаст?
А) Қуввати мушт аз ҷамъи ангуштон аст.
Б) Қудрат дар иттиҳод аст.
В) Шахси беватан – булбули бечаман.
Г ) Қурбони ватан бош , ки қурбонат шаванд.